# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2024, №68

Барои сазовор донистани Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи “Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти “Андар ахлоқ”-и Ибни Сино” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, таҳти №122/шд) 09-уми феврали соли 2024, суратҷаласаи №60 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ 26-уми майи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 факултети шарқшиносӣ (ҳоло забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси “шарқшинос-филолог” (филологияи араб) хатм кардааст. Аз соли 2016 то ин замон дар кафедраи мутолиоти шарқи факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сулаймонов Сайидраҳмон.

**Муқарризони расмӣ**: **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PHD), дотсенти

кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ дар мавзуи мавзуи "Вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳо бо истилоҳоти "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино" ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Маҳмудзода, М.Қ. «Футувватномаи султонӣ» ва арзиши илмӣ-ахлоқии он [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 164-169.

[2-М] Маҳмудзода, М.Қ. Усули синтаксисӣ-морфологии истилоҳсозии вожаҳои ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – №3 (015). – С. 270-276.

[3-М] Маҳмудзода, М.Қ. Сохтори морфологии истилоҳоти ахлоқӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 94-99.

[4-М] Маҳмудзода, М.Қ. Истилоҳоти ахлоқии форсиасли осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – №2 (018). – С. 290-296.

[5-М] Сулаймонов С., Маҳмудзода, М.Қ. Муқоисаи вижагиҳои мафҳумии бархе истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино [Матн] / Сулаймонов С., М. Қ. Маҳмудзода. // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №10. – С. 5-11.

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М] Маҳмудзода, М.Қ. Вожаю истилоҳоти ахлоқии арабӣ дар осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Филологияи араб ва замони муосир» бахшида ба 75-солагии доктори илми филология, профессор С. Сулаймонов) (28-уми октябри соли 2022). – Душанбе: 2022. – С. 83-87.

[7-М] Маҳмудзода, М.Қ. Таъсирпазирии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар корбурди баъзе аз истилоҳот аз Ибни Сино [Матн] / М.Қ. Маҳмудзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳқиқот дар соҳаи забоншиносӣ» (20-уми маи соли 2022). – Душанбе: Маориф, 2022. – С. 77-81.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологї, дотсенти кафедраи забоншиносии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Хасанова Тахмина Гаюровна мусбат буда, ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- унвонҷӯ метавонист барои пурра намудани кори диссертатсионии худ ба осори муаллифони муосир (аз ҷумла муаллифони замони истиқлолият) таваҷҷуҳ намуда, муқоисаро бо осори ин давра низ анҷом диҳад, зеро ки ин гуна таҳқиқ метавонад инкишофи вожаҳои ахлоқиро то замони муосир муайян намояд.
- дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат (8, 20, 36) нуктаҳои таҳрирталаб ҷой доранд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович низ мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- дар қисмати муқаддимавии кори илмӣ мафҳуми «Объекти таҳқиқ» ва «Сарчашмаҳои таҳқиқ» бо ҳам айният доранд ва дар ҳар ду маврид ҳамон манбаъҳои мавриди таҳқиқ номбар шудаанд.
- дар боби дуюм ҳангоми таснифи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ онҳоро ба ду гурӯҳ – вожаю истилоҳоти ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ ҷудо намудаанд. Хуб мешуд, ки доир ба вожаҳои ахлоқии иқтибосии забонҳои дигар низ маълумоте оварда мешуд.
- дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферат нуктаҳои таҳрирталаб (5, 8, 11, 35) ва қобили тасҳеҳ (4, 8, 13, 20, 39) ҷой доранд.

**3. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Сафарова Г.Ф. қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

- гоҳо такрори андешаҳо ва мисолҳои зикршуда ба чашм мерасанд, ки таҷдиди назар кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд;

- дар фишурда баъзан ғалатҳои имлой ва техникӣ (саҳ. 8, 11, 13, 28) ба чашм мехӯранд, киислоҳи онҳо барои комил гаштани арзиши илмии фишурда муҳим арзёбӣ мегардад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– манбаъҳои ташаккул ва инкишофи таърихии вожа ва истилоҳоти ахлоқӣ дар забони тоҷикӣ **таҳқиқ шудааст;**

– нақши осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар пайдоиши вожаю истилоҳоти ахлоқӣ **муайян ва муқаррар гардидааст**;

– мавқеи вожаю истилоҳоти ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ дар осори мавриди таҳқиқ **муайян карда шудааст;**

– мафҳуми иқтибос, вожаю истилоҳоти ахлоқии иқтибосӣ ва вижагиҳои он **таҳқиқ шудааст**;

– таснифоти луғавию мавзуии вожаву истилоҳоти ахлоқӣ **баррасӣ гардидааст;**

– усулу шеваҳои асосии вожасозӣ ва истилоҳсозии осори ахлоқии Ҳусайн Воизи Кошифӣ **муайян карда шудааст;**

– вижагиҳои мафҳумии истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва истилоҳоти «Андар ахлоқ»-и Ибни Сино **таҳқиқ ва муқоиса карда шудааст;**

– таҳлили омории вожаю истилоҳоти ахлоқии осори мавриди таҳқиқ ва таносуби вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабии он **нишон дода шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** омӯзиши вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, ки аксарияти онҳо таърихи қадима доранд, дар бобати муайян намудани як қатор масъалаҳои марбут ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, бахусус, давраҳои алоҳидаи тараққиёти он, ҷанбаҳои услубӣ, қолабҳои калимасозӣ ва қабатҳои лексикӣ-семантикии он метавонад мусоидат намояд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили Гринёв, Киттриҷ, Ж. Вандриес, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, Б.Н. Головин, Н.П. Кузмин, Д.С. Лотте, А.Д. Хаютин ва олимони ватанӣ М.Н. Қосимова, Т. Бердиева, М. Шукуров, С. Сулаймонов, С.Ҳ. Баротзода, Д. Хоҷаев, Ҳ. Маҷидов, С. Назарзода, Ш. Исматуллозода, А. Байзоев ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои забоншиносии таърихӣ (диахронӣ), таҳлили луғавӣ-маъноӣ (лексикӣ-семантикӣ), таҳлили сохториву грамматикӣ, қиёсӣ, оморӣ ва тавсифӣ такя карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таҳияи фарҳангҳои соҳавӣ, решашиносӣ ва чандзабонаи тоҷикӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода

намудани курси лексияҳо аз бахшҳои истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ ва тартиб додани луғатномаи вожаю истилоҳоти ахлоқӣ истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, вожаю истилоҳоти ахлоқӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани мақолаҳо мустақилияти андеша дорад. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал ба таври комплексӣ масъалаи вожаю истилоҳоти ахлоқии осори Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва муқоисаи онҳоро бо рисолаи "Андар ахлоқ"-и Ибни Сино дар шакли диссертатсия таҳқиқ ва ҷамъбаст намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2024 дар бораи сазовор донистани Маҳмудзода Мунираи Қаноатшоҳ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Хоҷаев Давлатбек

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева Моҳира

25.04.2024.